«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори [illegible] биологӣ, профессор [illegible]
Давлатзода [illegible]
«25» ноябри [illegible]

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна ба яке аз мавзуъҳои мубрам ва муҳим бахшида шуда, хусусияти замонавӣ дорад. Зеро мавзуи сайёҳӣ дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Дар татбиқи сиёсати ҳукумати кишвар дар бахши сайёҳӣ, баррасии вазъ ва ҳолати ин соҳа ва инъикоси чорабиниҳои сатҳи гуногуни марбут ба рушди он ВАО, бахусус матбуоти даврӣ нақши назаррас дорад. Дар замони муосир он ба яке аз шохаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо мубаддал гардида, дар ҷаҳон соҳаи аз ҳама сердаромадтарин маҳсуб меёбад.

Мубрамияти мавзуи мазкур бо он асоснок карда шудааст, ки фаъолияти соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ислоҳоти куллиро талаб мекунад. Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии чандин тадбирҳои

муҳим, ба мисли истифодаи усулҳои замонавии ҷалби сайёҳон, ташкили навъҳои нави сайёҳӣ ва хизматрасонӣ, ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ гардонидани тарғиби ҷолибияти сайёҳӣ дар ВАО, таъсиси журналистикаи саёҳатӣ ва ҷолибу муассиртар намудани маводи матбуоти даврӣ дар самти сайёҳӣ ва ба монанди инҳо зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи мазкурро собит месозанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аппарати илмии онро муайян мекунад.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он баррасӣ шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои он, методология ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариву амалии диссертатсия ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шуда, татбиқи кор тавсиф гардидааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба риштаи таҳлил кашидааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат намудааст. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам дар алокамандии мантиқӣ қарор доранд. Ҳар боб шомили ду фасл аст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад ва аз ду фасл иборат аст. Дар фасли якум – «Асноди қонунгузорӣ оид ба сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои иҷтимоию табиии рушди соҳаи сайёҳӣ, қонуну стратегия, барномаю нақша-чорабиниҳое, ки барои рушди ин соҳа ва танзими он қабул гардидаанд, баррасӣ гардида, мавқеи ВАО дар инъикос ва тарғиби ин асноди ҳуқуқӣ нишон дода шудааст.

Дар фасли дуюми боби якум – «Аҳаммияти тадбирҳои ҳукуматӣ дар рушди сайёҳӣ”, асосан, тадбирҳои ҳукуматӣ, ки барои рушди соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудаанд, таҳлилу таҳқиқ гардида, аҳаммияти иҷрои онҳо бо такя ба маводи матбуоти даврӣ, бахусус нашрияҳои

“Ҷумҳурият” ва “Ҷавонони Тоҷикистон” нишон дода шудааст. Маводи марбут ба амалӣ шудани тадбирҳои ҳукуматӣ аз рӯйи моҳият тасниф гардидааст.

Боби дувум “Инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ дар нашрияҳои даврӣ” ном дошта, дар он хусусиятҳои мавзуии маводи марбут ба сайёҳӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» таҳлил ва муқоиса гардидаанд. Диссертант хусусиятҳои инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ ва таносуби мавзуъҳои ба ин соҳа бахшидашударо дар рӯзномаҳои мавриди омӯзиш муайян намуда, бо усули муқоиса умумият ва фарқи онҳоро нишон дода, ба ин васила, мавқеъ ва мақсади нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон»-ро дар инъикоси масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ муайян кардааст. Ӯ зарурати муайян шудани мавзуи пешбарандаро (дар мисоли сайёҳӣ) дар ин рӯзномаҳо мувофиқи мақсад дониста, чанд ҳолати принсипиалии онҳоро асоснок намудааст, ки яке аз он мунтазамӣ дар инъикоси проблемаҳои асосии сайёҳӣ мебошад. Ба ин мазмун, диссертант дуруст менависад, ки рӯзнома “дар ин ҳолат сатҳи баланди таҳияи матолибро таъмин намуда, барои рӯзноманигорон дар давоми фаъолияти кории дарозмуддат имконияти аз рӯйи мавзуъ ва ё самти муайян ихтисосманд шуданро медиҳад”(саҳ. 74). Ин таҳлили дуруст аст.

Боби сеюми диссертатсия “Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси масоили сайёҳӣ” ном дошта, баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар қолаби жанрҳои ахборӣ, таҳлилӣ ва бадеию публитсистӣ бо овардани намунаҳо аз жанрҳо таҳлил ва истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар ҳарду нашрия муқоиса карда шудааст, ки аз истифодаи моҳиронаи шакли таҳлили қиёсӣ аз тарафи диссертант шаҳодат медиҳад.

Диссертант дар натиҷаи таҳқиқ ба чунин хулоса омадааст, ки таносуби мавзуъҳои марбут ба сайёҳӣ дар нашрияҳои даврии мавриди омӯзиш яксон набуда, дар муқоиса ба нашрияи “Ҷумҳурият” дар рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” доираи мавзуъҳои сайёҳӣ нисбатан

маҳдуд аст. Дар ин нашрия баъзе мушкилот ва самтҳои соҳа нокушода мондаанд ва ҳаматарафа баррасӣ нагардидаанд. Муҳаққиқ ҳарду нашрияро муқоиса карда, ба натиҷа мерасад, ки гарчанде ин нашрияҳо доир ба мушкилоти омодагии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳ намудаанд, аммо нашрияи "Ҷумҳурият" дар ин самт фаъолтар аст. Ин нашрия на танҳо мушкилоти мавҷударо инъикос намудааст, балки омилҳои сар задани онҳоро ба таври васеъ таҳлил кардааст. Ҳамзамон, "Ҷумҳурият" дар баррасии мушкилоти соҳа назари интиқодӣ доштааст, ки аксарияти маводи танқидии он беҷавоб намондааст. Ба чунин мавод роҳбарони муассисаҳои марбута вокуниш навиштаанд, ки дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон"ин гуна мавод ба назар намерасад (саҳ. 98).

Диссертант зимни таҳлилу баррасиҳои мавзуъ хулосаҳои илман асоснок ҳосил намуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 10 банд тавсияҳо пешниҳод намудааст. Тавсияҳо, ки ба рӯзноманигорон ва мутасаддиёни соҳаи сайёҳӣ нигаронида шудаанд, дар ташаккули журналистикаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи илмӣ гузошта метавонанд.

Умуман, натиҷаҳои илмии таҳқиқи унвонҷӯ дар хулосаи диссертатсия баён гардидаанд, ки дар мачмуъ аз доманаи васеи баррасиҳои анҷомдода ва таҳқиқи шоистаи ӯ дарак медиҳанд.

Диссертант дар рисола нақши матбуоти даврирро дар инъикос ва баррасии масоили сайёҳӣ, тарғиб ва муаррифии мавзеъҳои сайёҳии кишвар нишон дода, дар ин замина дараҷаи инъикоси воқеияту масъалаҳои марбут ба сайёҳиро дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» бо дарназардошти махсусияти жанрӣ муайян намудааст, ки аз навгонии таҳқиқ дарак медиҳад.

Аҳаммияти назариявии диссертатсияро ба он метавон асоснок намуд, ки он барои дарки моҳияти аслии сайру сайёҳӣ, нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули журналистикаи сайёҳӣ муҳим буда, дар дарёфти роҳу усулҳои тарғиби мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ ва табиии кишвар

дар воситаи ахбори омма ва ба ин васила, ҷалби сайёҳон ва рушди сайёҳии мамлакат дорои арзишҳои илмӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва маводи ҷамъовардашуда метавонад дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус доир ба журналистикаи сайёҳӣ барои донишҷӯёну магистрантони факултетҳои журналистика ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва реклама мавриди истифода қарор дода шавад.

Феҳристи адабиёти диссертатсия низ мутобиқ ба талаботи таҳияи он сурат гирифта, муҳимтарин сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқӣ ба он ворид шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсия аз назари арзиши илмӣ, навоварӣ ва қобилияти таҳқиқу таҳлили муаллиф шоистаи таҳсин аст. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки ба эътибор гирифтани онҳо дар пажӯҳишҳои ояндаи унвонҷӯ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ маводи зиёди публитсистиро истифода намудааст, ки аз мавқеи нашрияҳои даврӣ дар инъикоси воқеият ва масъалаҳои сайёҳӣ дарак медиҳад. Аммо дар рафти таҳлилу баррасии чунин мавод диссертант аз усули муқоиса камтар кор гирифтааст, ки таносубан мушаххас нагардидани типи матолиб гардидааст.

2. Дар диссертатсия аз факту рақам ва омор ба таври фаровон истифода шуда бошад ҳам, дар автореферат таҳлили оморӣ камтар ба мушоҳида мерасад.

3. Хуб аст, ки диссертант дар фарҷоми ҳар боби кор мушаххасан хулоса мебарорад, аммо ин усул боиси такрор шудани баъзе хулосаи бобҳо дар бахши хулосаи умумӣ шудааст.

4. Бо вуҷуди аз нигоҳи забонӣ хуб будани диссертатсия дар он ҷо-ҷо хатоиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро

бомуваффакият ичро кардааст. Диссертатсия таҳқиқоти мустақил буда, аҳаммияти назариву амалӣ дорад.

Дар умум, диссертатсия ва мазмуну мухтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва 9 мақолаи илмии ба чоп расонидаи Абдуллоева Машҳура Нематовна, ки 4-тои онро мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, баёнгари нақши бориз доштани матбуоти даврии тоҷик дар баррасии масъалаҳои сайёҳӣ буда, мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» тадқиқоти комили анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст ва ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 25-уми ноябри соли 2022, суратҷаласаи №6 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:

номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шарипов С.И.

Эксперт:

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Маҳкамова Д.Ю.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Маъмурзода Н.М.

"Имзоҳои С.И. Шарипов, Д.Ю.Маҳкамова,
Н.М. Маъмурзодаро тасдиқ мекунам".
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.

«25» ноябри соли 2022

Суроғаи муассисаи пешбар:
735140, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ 67
Тел.: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj